# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» 01 соли 2025 №27/шд ш. Душанбе

*Дар бораи қатъ кардани фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 15 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи Муссисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри 2021, №270), сархати 1 банди 121 ва банди 122 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 2, 3, 6, 7 ва 21 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) дар ҳимояи диссертатсияи довталабон: Нурова Зведамо Сафаровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва Холматова Хуршеда Аюбҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қатъ карда шавад.
2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Ализода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 (даҳ) рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҷӯӣ намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №2

Раис Давлатзода С. Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ